# ТАҚРИЗ

**ба автореферати илмии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Маълум аст, ки барои ташаккул ва рушд ёфтани афкори тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ омилҳои гуногун – сиёсату иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маънавиёт, дину мазҳаб, руҳияи давраи мушаххаси таърихӣ таъсири бузург мерасонад, вале ба таъкиди муҳаққиқон омили муҳимтарин дар ин ҷода худи Инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа мебошад. Пеш аз он ки дар ҷомеа ахлоқи ҳамида рушд ёбад, бояд мақоми маънавии инсон дар ҷамъият муайян гардад. Зеро инсон бояд дар ҷомеа мақому мартабаи олиро сазовор бошад. Ҳангоме ки инсон дар ҷомеа танҳо воситаи тавлиди сарватҳои моддӣ аст, ҳаёт, номус ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиш надоранд, ба ӯ ҷабру ситамро раво мебинанд, вайро таҳқир мекунанд, хулоса ҳангоме ки инсон аз мартабаи шоистаи маънавият маҳрум аст, дар ҷомеа номутаносибии ахлоқу маънавиёт ба вуҷуд меояд ва инсон дигар роҳи раҳоӣ аз чунин вазъиятро ёфта наметавонад, вай ноилоҷ хилватгузин, риёкору дурӯғгуӯй мешавад. Чунин вазъият боиси бухрони шадиди маънавии ҷомеа мегардад.

Барои давои ин бемории педагогикаи муосир аз пуртаъсиртарин усулро дар шароити кунунӣ истифодаи мероси маънавии бузургони адабиёти гузаштаву имрӯзаи мо дар раванди тарбияи насли ҷавон меҳисобад, ки имрӯзҳо ин самти кор ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Ӯзбекистон ҳамчун як самти муҳими таҳқиқоти илмҳои педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аз автореферати диссертатсияи таҳқиқотчӣ Олимов Тағойбек Шодиевич маълум мегардад, ки рисола ба таҳқиқи чунин масъала равона гардида, бо пешниҳоди равишҳои таъсиркунанда ва мақбулгардидаи корбурди осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик, дар мисоли асарҳои пуркимати Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, дар

чараёни ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва ҳифзу ҳимояти худшиносиву хештаншиносӣ бо мақсади ташаккули масъулиятшиносӣ таълиф гардидааст.

Тадқиқотчӣ дар давоми наздик 10 сол, дар се марҳилаи доманадор мавзӯи корро хуб таҳқиқ намуда, тавассути омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ, фалсафӣ, адабию бадеӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, психологию педагогӣ вазъи таҳқиқи проблема, назария ва амалияи онро хуб ошкор намудааст. Инчунин озмоиши рушддиҳандаи раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни хонандагону омӯзгорон ва волидон баррасӣ ва таҳлил гардида, методҳо, шаклҳо, технологияҳо, низоми меъёрҳо ва арзёбии сатҳи ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳадалимкон муайян карда шуданд.

Ҳамаи ин, яъне қисмҳои назариявӣ ва озмоишии таҳқиқот, коркард ва мураттабсозии маълумоти дар натиҷаи таҳқиқот ҷамъоваришуда, коркарди ниҳоии хулосаву тавсияҳои илмӣ ниҳоятан дар қолаби диссертатсия дар меҳвари 2 боби пурмуҳтаво ҷамъбаста гардида, мисолаҳо ва замимаҳои овардашуда асос ва ҷавҳари илмии корро таъйид сохтаанд.

Тадқиқотчӣ афкори педагогии мутафаккирони асри XI-ро ҳамчун объекти таҳқиқот қабул намуда, дар натиҷаи омӯзиш ва озмоиш – омилҳо ва асосҳои технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ва самаранокии онҳоро муайян кардааст.

Дар натиҷаи ковишҳои муттасил ва озмоишҳои гузаронида ӯ исбот кардааст, ки афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик яке аз сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладории ҷомеаи муосири тоҷик ба шумор меравад.

Мақолоти чопнамудаи тадқиқотчӣ, ки зиёд аз 10 номгӯ аст ва дастури методии таҳиякардаи тадқиқотчӣ ба мавзӯъ алоқаманд буда, апробатсия шудани мавзӯъро тасдиқ мекунанд.

Хулоса Олимов Тағойбек мақсадҳои пешгузоштаашро пурра амалӣ намуда, кори илмии хубро анҷом додааст, диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи

ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ мебошад.

**Муқарриз**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи забони ӯзбек ва адабиёт
"Донишгоҳи ба номи А.Навоий" Роза Ниёзметова

доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи забоншуносии
" Донишгоҳи ба номи Алишер Навоий" Мӯмин Турдибеков

Имзоҳои Роза Ниёзметова ва Мӯмин Турдибековро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии шаҳри Тошкент ба номи
Алишер Навоий" Фароғат Холметова

**Маълумот барои тамос:** 100100, ш. Тошкент,
кӯчаи ба номи Юсуф хос Ҳоҷиб, хонаи 103, +99(871) 28145 11, E-mail: interdep@navoiy-uni.uz.